# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
қарори шурои диссертатсионӣ
аз 24 феврали соли 2026, №109

Дар бораи сазовор донистани Раҳимзода Сафар Орзу, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат санаи 09-уми декабри соли 2025, №104 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, № 16/шд., (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024 №224/шд), ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Раҳимзода Сафар Орзу – соли 2003 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи молия ва иқисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2008 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшиноси хатм кардааст. Инчунин, соли 2008 ба шуъбаи ғоибони фкултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда онро низ соли 2011 бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Номбурда аз соли 2008 то соли 2013 дар вазиваҳои гуногуни мақомоти Прокуратура фаъолият намуда, ба таври гузариш аз соли 2013 то соли 2019 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолия намудааст. Аз соли 2023 то ин ҷониб дар кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба ҳайси ассистент фаъолият намуда истодааст. Аз соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 19-уми майи соли 2025, №42 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2025 №1 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарифзода Саъдӣ Шариф, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сармутахассиси Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Одиназода Рамазон Сафар –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмиллалӣ».

– **Сафарзода Некрӯз Файзӣ –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар - Муассисаи таҳсилоти олии касбии Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Қодирзода Ғ.Н., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори кафедраи фанҳои давлатӣҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД, Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода У.К. ва котиби ҷаласа муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимзода Д.Қ. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, генерал-майори милитсия Насуриён П.А. санаи 28 январи соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дороӣ мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илми ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмй нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенты Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмй, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Раҳимов, С.О. Воситаҳои ассосии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: Паҳлуҳои умумии назариявӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Бахши илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». – Душанбе. – 2025. – №1. – С. 39-50. ISSN 2307-5198.

**[2-М].** Раҳимов, С.О. Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавасути мақомоти судӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2025. – №1 (57). – С. 46-50; ISSN 2410-2903.

**|3-М].** Раҳимов, С.О. Суд-кафолати асосии ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон дар Тоҷикистон [Матн] / С.О. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2024. – №10. – С. 261-268; ISSN 2413-5151

**[4-М].** Раҳимов, С.О. Механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон [Матн] / С.О. Раҳимов П Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №3 (55). – С. 127-132; ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Раҳимов, С.О. «Авасто» -яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии Тоҷикистони таърихи [Матн] / С.О. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №4. – С. 261-268. ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Раҳимов, С.О. Таносуби ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар намудҳои ҷавобгарӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат». – Душанбе, 2024. – С. 517-521.

**[7-М].** Раҳимов, С.О. Ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, (25-26 апрели 2024). – Душанбе, 2024. – С. 509-510

|**8-М].** Раҳимов, С.О. Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавасути мақомоти судӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ [Матн] / С.О. Раҳимов // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умуммиллӣ: маводҳои конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 30 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (2 ноябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 681-685.

**[9-М].** Раҳимов, С.О. Кафолати татбиқи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи суди [Матн] / С.О. Раҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат». – Душанбе, 2024. – С.517-521.

**[10-М].** Раҳимов, С.О. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва ёрии ҳуқуқӣ [Матн] / С.О. Раҳимов И Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ), (25-26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 177-180.

**[11-М].** Раҳимов, С.О. Ҳимояи судӣ-шакли махсуси мурофиа [Матн] / С.О. Раҳимов // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: (маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалй), (25-26 апрели соли 2024). – Душанбе, 2024. – С.205-210.

**[12-М].** Раҳимов, С.О. Ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Конференсияи умуми донишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30»-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ, «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «бист солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)» – Душанбе, 2024. – С.214-216.

**[13-М].** Раҳимов, С.О. Нақши ҳокимияти судй дар таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд [Матн] / С.О. Раҳимов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ Инистититути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба 30 - солагии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мавзуи «Масоили мубрами фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Трҷикистон» – Душанбе, 2025. – С. 477-479.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Қодирзода М.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Сафарбекзода Ҳ.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носисри Хусрав.

**Каримҷонзода М.К.** – декани факултети таърих,ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ ДД К ба номи А.Рӯдакӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар банди 4.2. автореферати диссертатсия, ки пешниҳодҳои хусусияти амалидошта мебошанд муаллиф қайд мекунад, ки барои муайян кардани вазифаҳо, принсипҳо ва шаклҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии мақомоти судӣ бояд ба санадҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ тағйирот ворид карда шаванд. Аммо мушаххас оварда нашудааст дар кадом санадҳои меъёрӣ. Хуб мешуд, ки пешниҳоди мазкур дар вақти ҳимояи диссертатсия аз ҷониби маллиф шарҳ дода шавад;

2. Дар банди 4.3. автореферати диссертатсия, ки пешниҳодҳои хусусияти амалидошта мебошанд муаллиф қайд мекунад, ки дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии боихтисос васеъ карда шавад, аз ҷумла таъсиси марказҳои махсус барои дастгирии ҳуқуқии ройгон ва такмили механизмҳои иштироки адвокатҳо дар мурофиаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс.

3. Дар саҳифаи 30 автореферат муаллиф қайд мекунад, ки масъалаҳои зиёде ба миён меоянд, ки баъзе аз онҳоро муаллиф дар таҳқиқоти худ баррасӣ кардааст, дар ҳоле ки дигарон бояд баррасӣ шаванд, зеро онҳо хусусияти баҳсбарангези худ ва робитаи онҳо бо соҳаҳои ҳуқуқ, ки ба мавзӯи рисола алоқаманд нестанд. Мехостам муаалиф масъалаи мазкурро дар вақти ҳимояи диссертатсия шарҳ диҳад.

4. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар саҳифаи 13-уми автореферат нуқтаи чоруми (4.2.) ба ҳимоя пешниҳодшавандаро зикр намудааст, ки мавқеи диссертант ба таври васеъ иброз шудааст. Ҳамзамон, диссертант пешниҳод намудааст, ки тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда шавад. Аммо, ба тариқи дақиқ мушаххас гардонида нашудааст. Бинобар ин, хуб мебуд аз ҷониби унвонҷӯ дар ҷараёни ҳимояи ошкорои диссертатсия оид ба масъалаи дар нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшавада ба таври мушаххас мавқеашро муайян намояд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст;

**- пешниҳод шудааст,** ки мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ бояд як самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлатӣ бошад. Махсусан, татбиқи муқаррароти Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ва Паймонҳои соли 1966 бояд натанҳо дар қонун, балки дар амал таъмин гардад;

**- исбот шудааст:** дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ нақши ҳимоявии суд бояд пурзӯр карда шавад, то ки ҳангоми тафтиши ибтидоӣ ва пешакӣ ҳуқуқҳои қонунии шахс пурра ҳифз гарданд. Фаъолияти бисёрҷабҳаи мурофиавии судҳо дар парвандаҳои ҷиноятӣ бояд ба таври такомулёфта амалӣ шавад, зеро назорати судӣ аз аввали тафтишот то ба охири мурофиа барои таъмин намудани дастрасӣ ба адолат ва пешгирии поймолшавии ҳуқуқҳои айбдорҳавандагон аҳаммияти ҳалкунанда дорад;

**- ҷорӣ намудан:** қонунгузорӣ бояд ба ташкилотҳо ва шахсони ҳуқуқие, ки вазифаҳои ҷамъиятии муҳимро ба уҳда доранд, ҳуқуқ диҳад, ки ба манфиати аъзоён ё гурӯҳҳои вобаста ба худ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ ба суд, аз ҷумла, суди конститутсионӣ муроҷиат намоянд. Пешбинӣ кардани асос ва шартҳои чунин муроҷиати шахсони ҳуқуқӣ дар қонунҳои конститутсионӣ имкон медиҳад, ки созмонҳои ҳомии ҳуқуқ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон фаъолона саҳм гузоранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маҷмӯи хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар рисола зикршуда ба таври ҳамаҷониба моҳияти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос намуда, паҳлӯҳои назариявию ҳуқуқии он – аз ҷумла мақоми ҳокимияти судӣ, нақши кафолатҳои конститутсионӣ ва шароити таъмини мустақилияти судиро таҳлил мекунад. Дар рисола, масъалаҳои марбут ба пайдоиш, ташаккул ва рушди институтҳои ҳимояи судӣ дар равандҳои таърихии давлатдории тоҷикон баррасӣ шуда, таҳқиқот саҳми муайян дар такмили назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи мурофиавӣ мегузорад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** яъне дар ҷараёни таҳқиқ, муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории миллиро, ки ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс алоқаманд мебошанд, мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст. Махсусан, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба таҳлили моҳият, таркиб ва механизми

амалишавии ин ҳуқуқҳо дар низоми ҳуқуқии кишвар, инчунин нақши суд ҳамчун воситаи асосии ҳифзи ҳуқуқ ва барқарорсозии адолати иҷтимоӣ равона шудааст.

Ҳамзамон, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ, диссертант як қатор тавсияҳои назариявӣ ва амалиро баҳри такмили заминаи ҳуқуқии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар сохторҳои марбута дар татбиқи меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ, таҳия ва пешниҳод намудааст.

– **баён шудани** такмили қонунгузории мурофиавии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ворид намудани меъёрҳои дақиқ доир ба имкони татбиқи мустақими санадҳои конститутсионӣ аз ҷониби судҳо, аз ҷумла, тавассути пешбинии моддаҳои махсус дар кодексҳои мурофиавӣ (ҷиноятӣ, маданӣ ва маъмурӣ), ки истиноти суд ба Конститутсияро иҷозат медиҳанд ва тартибу шароити татбиқи онро мушаххас менамоянд, иқдоми зарурӣ ва саривақтӣ ба шумор меравад.

– **ошкор гардидани** он ки дар шароити тақвият ва густариши соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии гузашта, аз ҷумла рӯшан намудани шароити таърихии ташаккулу инкишофи андешаҳо ва назарияҳои давлати ҳуқуқбунёд, давлати миллӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва ғайра аҳаммияти илмӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ дорад.

– **омухта шуданд:** конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофшудаи ҳуқуқӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии мақомоти Прокуратура, инчунин таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ истифода шудааст:

– **аз нав такмил додани:** ошкор кардани табиати суд ва табиати конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи судӣ, инчунин муайян кардани аҳаммияти функсионалии он дар механизми кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд; муайян ва асоснок кардани хусусиятҳои хоси ташаккул ва фаъолияти механизм ва кафолатҳои ҳифзи судӣ дар шароити истиқлолияти Тоҷикистон, ҳам аз нигоҳи таърихӣ ва ҳам аз нигоҳи муосир мебошад.

– **муайян карда шуданд**, ки маҳдудсозии ҳуқуқ ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо дар ҳолатҳое қонунист, ки бо талаботи мушаххаси ҳуқуқӣ мувофиқ бошад. Маҳдудиятҳо дар ин соҳа қонунӣ ҳисобида мешаванд, агар: чунин маҳдудиятҳо аз ҷониби Суди Конститутсионӣ эътироф ва ба таври расмӣ мустаҳкам карда шуда бошанд; нисбати маҳдудиятҳои мазкур мавқеи ҳуқуқии Суди Конститутсионӣ дар бораи қобили қабул будани онҳо таҳия ва қабул гардида бошад; дар ҳолате, ки маҳдудият дар Суди Конститутсионӣ мавриди санҷиш қарор нагирифта бошад ва фарзияи мутобиқати қонун ба Конститутсия (фарзияи конститутсионӣ) амал кунад..

– **офарида шуд**: бо дарназардошти мавҷуд будани номуайяниҳо дар механизми амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳимояи судӣ зарур даниста мешавад, ки ба Конститутсия ва санадҳои қонунгузории мурофиавӣ иловаҳо ворид карда шаванд, ки доира, мазмун ва шаклҳои татбиқи ин ҳуқуқро ба таври дақиқ ва возеҳ муайян намоянд.

– **муаррифӣ карда шуд**: беҳсозии модели ташкили ҳокимияти судӣ, махсусан тавассути таъсиси судҳои тахассусӣ (маъмурӣ, андоз, ноболиғон ва ғ.), бо нигоҳдории хусусиятҳои таърихию ҳуқуқии низоми судӣ; такмили мурофиаи судӣ, бо мақсади бартарафсозии хатоҳои судӣ ва баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба адолати судӣ; такмил додани мақоми ҳуқуқии судя, бо таъмини мустақилият, шаффофият, одоби касбӣ ва мубориза бо фасод дар муҳити судӣ; баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносии ҷомеа, бо дарназардошти принсипҳои ҳуқуқи давлатӣ ва эҳтироми волоияти қонун; татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир дар раванди мурофиавӣ, аз қабили судҳои электронӣ, тақсими автоматикунонидашудаи парвандаҳо, баргузории мурофиаҳо тавассути видеоконфронс, нигоҳдории рақамии ҳуҷҷатҳои парванда ба сифати омили муҳим дар баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии адолати судӣ арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, тақвияти низоми иҷрои санадҳои судӣ тавассути таҳияи қонунгузории махсус (масалан, Кодекси иҷроия), баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии хадамоти иҷроия ва таъсиси шаклҳои муассири назорати судӣ дар марҳилаи иҷрои қарорҳо аз ҷумлаи чораҳои зарурӣ барои таъмини ҳимояи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба шумор меравад.

– **асоснок шудааст**, ки таъсиси Шурои миллии мониторинг оид ба амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ки вазифаи он таҳлили монеаҳо дар амалисозии ин ҳуқуқ, арзёбии иҷрои қарорҳои судӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои мушаххас барои ислоҳоти иловагӣ хоҳад буд. Ин Шуро метавонад бо иштироки намояндагони парлумон, суди конститутсионӣ, прокуратура ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсис ёбад;

– **истифода шудаанд:** Конститутсияи ҶТ; санадҳои байналмилалии ҳуқуқие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст; қонунгузории мурофиавӣ ва амалияи судии кишвар; адабиёти илмӣ-таълимии ватанӣ ва хориҷӣ, рисолаҳо, мақолаҳои илмӣ ва таҷрибаи давлатҳои мухталиф дар самти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс.

– **муайян шудаанд:** ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ бар пояи анъанаҳои қадимӣ ва ғании ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст. Асосҳои назариявие, ки аҷдодони мо барои бавуҷудоии ин ҳуқуқ гузоштаанд, дорои аҳаммияти назаррас буда, саҳл нестанд. Дар ин замина дар тамаддунҳои Мисри қадим ва ориёӣ ва дар санадҳои ҳуқуқӣ аз қабили Қонуни Ҳамураппӣ ва Эъломияи Куруши Кабир меъёрҳо дар хусуси ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс эълон гардидаанд..

– **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофшудаи ҳуқуқӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии мақомоти Прокуратура, инчунин таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва ғайра.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 24 феврали соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Раҳимзода Сафар Орзу дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024, №224/шд) тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктарони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Аз 15 нафар аъзои Шуро 13 нафар ба таври ҳузурӣ ва 2 нафар ба таври маҷозӣ иштирок карданд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

24-уми феврали соли 2026